## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нозимова Маъмура Саҳобиевна бешубҳа мубрам аст. Зеро масъалаи таъмини аҳолии сайёра бо маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити афзоиши аҳолӣ ва коҳиши майдонҳои кишт, яке аз масъалаҳои муҳими ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Истифодаи афзоиштанзимкунандаҳои самаранок барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ яке аз усулҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф таъсири физиологӣ ва биохимиявии баъзе ҳосилаҳои глитсеролро ба сифати афзоиштанзимкунандаи растаниҳо мавриди омӯзиш қарор додааст. Аҳамияти таҳқиқот дар он аст, ки барои аввалин бор таъсири ҳосилаҳои ҷолиби глитсерол, аз ҷумла 1,3-дифталиллаланилопропан-2-ол, ди ва триэфирҳои он ба лӯбиё ҳамчун афзоиштанзимкунанда омӯхта шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар кашфи шароитҳои оптималии таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба рушду нумӯи лӯбиё, сохтани модели динамикаи аз худкунии об, омӯзиши таъсири композитҳои об-глитсерол-сулфур-оҳак-оксиди калтсий барои мубориза бо бемории антракнози лӯбиё мебошад. Муаллиф муваффақ шудааст, ки самаранокии ҳосилаҳои глитсеролро ҳамчун афзоиштанзимкунанда дар нашъунамо, инкишоф ва ҳосилнокии лӯбиё исбот намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки усулҳои синтези ҳосилаҳои глитсерол таҳия гардида, имкониятҳои истифодаи амалии онҳо васеъ карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои беҳтар кардани таҷрибаҳои агрономӣ истифода шаванд. Хусусиятҳои фаъоли биологӣ ва

физиологии ҳосилаҳои глитсерол имконият медиҳанд, ки онҳо ҳамчун воситаи муассир барои беҳтар кардани сифати маҳсулоти кишоварзӣ истифода шаванд.

Кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраршудаи шиносномаи ихтисоси 03.01.05 - «Физиология ва биохимияи растанӣ» комилан мувофиқ аст. Муаллиф дар кори худ ба ҷанбаҳои асосии илмии ихтисос, аз ҷумла ғизои минералӣ, мубодилаи об, физиологияи экологии растаниҳо ва асосҳои физиологии интенсификатсияи зироаткорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот, таҳлили оморӣ ва муқоиса бо маълумоти адабиёти илмӣ тасдиқ карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои мухталифи илмӣ муаррифӣ гардида, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии зикргардида, дар автореферат баъзе камбудӣ низ ба назар мерасанд:

1. Ҳангоми муқоисаи афзоиштанзимкунандаҳои ҳосилаҳои глитсерол бо афзоиштанзимкунандаҳои маъмули дигар маълумоти муқоисавии кофӣ оварда нашудааст.

Лекин камбудии зикргардида ба аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот таъсири назаррас намерасонанд.

Таҳқиқоти мазкур бешубҳа дар рушди соҳаи физиология ва биохимияи растанӣ, инчунин дар беҳтар кардани технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт. Истифодаи ҳосилаҳои глитсерол ҳамчун афзоиштанзимкунандаи растаниҳо метавонад ба ҳалли мушкилии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзии босифат мусоидат намояд.

Бо назардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳо ва навгонии илмии кор, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири физиологӣ ва биохимиявии баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» ба талаботи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ комилан ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растанӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Саркотиби илмии Институти зироаткорӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Ниъматов М.М.

Имзои М.М. Ниъматовро тасдиқ мекунам
Сармутахассис оид ба кадри АИКТ Ғаниева Г.Э.

03.03.2025

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
Хиёбони Рӯдакӣ, 21а , тел: 2277077